# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва ҷалби сармояҳои шарикони рушд ҷиҳати амалисозии барномаи мазкур ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он тадбирҳои зарурӣ андешида, ҳамасола то 10 январ оид ба корҳои анҷомдодашуда ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷараёни амалисозии барномаи мазкур ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол то 20 январ маълумот пешниҳод намояд.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 сентябри соли 2021, №415

ш. Душанбе

Замимаи 1

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 сентябри соли 2021, №415

# БАРНОМАИ ПЕШГИРИИ НОРАСОИИ МИКРОНУТРИЕНТҲО ВА БЕМОРИҲОИ ВОБАСТА БА ОН ДАР БАЙНИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2027

## *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

1. Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027 (минбаъд - Барнома) бо мақсади ҳифзи солимии аҳолӣ ва пешгирии бемориҳо тавассути ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории бо микронутриентҳо таҳия шудааст.

2. Барнома барои расидан ба амнияти озуқаворӣ ва ғизои хушсифат, ки ҳадафи сеюми Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, мусоидат менамояд.

3. Муҳиммияти ғизои солим дар тақвият ва устувории саломатии инсон дар Ҳадафҳои Рушди Устувор пешбинӣ шуда, амалишавии он иҷрои уҳдадориҳои байналмилалиро таъмин мекунад.

4. Оқибати нимгуруснагӣ ва ғизои нокифоя метавонад баргаштнопазир бошад, бахусус барои 1000 рӯзи аввали ҳаёт (аз лаҳзаи ҳомилашавӣ то 24 моҳ), ки он сабаби камақлӣ, нокомӣ ва хавфи бемориҳои ғайрисироятӣ гардад. Нимгуруснагӣ аз насл ба насл гузашта, аз модарони нимгурусна аксаран кӯдакони камвазн таваллуд мешаванд, ки ба онҳо хатари беморшавӣ, фавт ва ақибмонии инкишоф таҳдид мекунад.

5. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии камхунии вобаста ба оҳан, нуқсонҳои найчаи асаб (ННА) ва дигар бемориҳо, ки дар натиҷаи норасоии моддаҳои ғизоӣ (микронутриентҳо) ба амал меоянд, инкишоф меёбад. Оқибати норасоии тӯлонии моддаҳои ғизоӣ ба саломатӣ, инкишофи организм, паст гардидани масунияти бадан ва қобилияти репродуктивӣ, наслофарӣ ва рушди ақлонӣ таъсири ногувор дорад.

6. Барнома ҷиҳати ҳифзи саломатӣ бо роҳи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории мусоидат мекунад. Ҳангоми ғанигардонии маҳсулоти хӯроквории бояд вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолӣ ба инобат гирифта шуда, дар навбати аввал он маҳсулоти хӯроквории ғанӣ гардонида шавад, ки ҳамаи табақаҳои аҳолӣ ба онҳо дастрасӣ дошта, ҳамарӯза истеъмол мекунанд. Бинобар ин, бояд пеш аз ҳама орд (маҳсулоти ордӣ), шир (маҳсулоти ширӣ), намак, қанд ва дигар маҳсулоти аввалияи зарурӣ ғанӣ гардонида шаванд.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

7. Мақсади Барномаи мазкур пешгирии норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба он (ҷоғар, шабкӯрӣ, синга, камхунӣ, норасоии найчаи асаб ва ғайра) тавассути таҳкими заминаи ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани фаъолияти байниидоравӣ, назорати сифати маҳсулоти хӯроквории ғанигардонида, таъсиси низоми пешгирии бемориҳои ба ғизо алоқаманд бо роҳи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориӣ бо микронутриентҳо дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

8. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои Барнома иҷрои вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- идоракунии самаранок, маблағгузории устувор, таъмини кадрҳо ва рушди технологияҳои навин;

- тақвияти заминаи илмию таҷрибавӣ (озмоишгоҳӣ);

- таъмини корхонаҳои истеҳсолӣ бо микронутриентҳои зарурӣ;

- паст намудани сатҳи паҳншавии бемориҳое, ки ба ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориӣ вобаста мебошанд;

- ҷалби ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ оид ба истеъмоли хӯроквории бо микронутриентҳо ғанигардонидашуда.

## 3. ВАЗЪИ КУНУНӢ

9. Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бемориҳои ғайрисироятӣ ба таври назаррас афзоиш меёбанд. Масъалаи омӯзиш, пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳои вобаста ба ғанигардонии маҳсулоти хӯроквориӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда" ифодаи худро ёфтааст.

10. Аз солҳои 1990 бинобар буҳрони иқтисодии давраи гузариш дар ташкили ғизои солими аҳолӣ мушкилоти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Ҳамзамон, ҷанги шаҳрвандие, ки дар Тоҷикистон сар зад, вазъиятро боз ҳам вазнинтар намуд ва сабаби маҳдуд гардидани интихоб ва дастрасӣ ба маҳсулоти хӯроквориӣ гардид. Ин ҳолат ба истеъмоли маҳсулоти пастсифат оварда расонид ва барои гузариш ба ташкили ғизои дуруст душвориӣ пеш оварда, ба саломатӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расонид.

11. Истифодаи моддаҳои ғизоӣ дар пойдории саломатии инсон муҳим мебошанд. Норасоии микронутриентҳо ё ки ба истилоҳ "гуруснагии пинҳонӣ" вақте ба амал меояд, ки сифат ва намудҳои ғизои истеъмолшаванда миқдори кофии витаминҳо ва минералҳои барои рушд ва инкишофи бадани инсон зарурбударо таъмин карда наметавонанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки чунин вазъ дар байни оилаҳои камбизоат бештар ба назар мерасад. Ин ҳолат ба дастрасӣ надоштан ба ғизои мувофиқ, истеъмоли аз ҳад зиёди карбогидратҳо, инчунин норасоии навъҳои гуногуни меваю сабзавоти тару тоза, ки боиси норасоии микроэлементҳо ва витаминҳо мегарданд, оварда мерасонад.

12. Тибқи маълумоти расмӣ дар солҳои аввали асри XXI истеъмоли маҳсулоти хӯроквориӣ ба ҳар нафар аҳолии кишвар коҳиш ёфт:

- истеъмоли гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ дар соли 1991 ба ҳар як нафари аҳолӣ 26,1 килограммро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар солҳои 2010 ва 2018 то 11 килограм паст гардид;

- истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ дар соли 1991 ба ҳар сари аҳолӣ 171 литрро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли 2010 60,9 литр, соли 2018 60,5 литр ташкил намуд (яъне 3 маротиба кам гардид). Ҳамчунин, истеъмоли тухм, маҳсулоти қаннодӣ ва ғайра низ ба таври назаррас коҳиш ёфт.

13. Мувофиқи тадқиқотҳои илмӣ ва таҷрибаҳо яке аз роҳҳои самараноки пешгирии бемориҳо вобаста ба норасоии моддаҳои ғизоӣ ин ғанигардонии маҳсулоти хӯроквορӣ мебошад. Ин иқдом аз нигоҳи иқтисодӣ низ муфид аст. Ғанигардонии маҳсулоти хӯроквορӣ асосан омехтакунии иловаҳои муайяни моддаҳои ғизоӣ (масалан, ғанигардонӣ бо витаминҳо, маҷмӯи микроэлементҳо ва ғайра)-ро дар бар мегирад. Ғанигардонии маҳсулоти хӯроквορӣ бо моддаҳои ғизоӣ асосан барои пешгирии норасоии микроэлементҳо ва витаминҳо истифода мегардад.

14. Мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд орди гандумии навъи олӣ ва якум, хамирмояи нонпазӣ, маҳсулоти нонӣ ва қаннодӣ, шир ва маҳсулоти ширии туршмазза, аз ҷумла барои ғизои кӯдакон пешбинигардида, шарбат, афшура, шаҳди мева ё сабзавот, нӯшокиҳои мевагӣ ва ё сабзавоти шарбатдор, оби нӯшокӣ дар зарфҳо, нӯшокиҳои ғайримашруботӣ ва намаки ошӣ бо витамину минералҳои лозима (микронутриентҳо) ғанӣ гардонида шаванд. Ҳарчанд масъалаи мазкур дар қонунгузорӣ ба танзим дароварда шуда бошад ҳам, аммо маҳсулоти хӯроквορӣ чун пештара ғанӣ гардонида намешавад. Дар робита бо ин, дар навбати аввал мусоидати мақомоти давлатӣ ва шарикони рушд ҷиҳати расонидани кумак ба субъектҳои соҳибкорӣ зарур мебошад.

15. Оқибатҳои манфии норасоии микронутриентҳо аз ҳама зиёд дар байни кӯдакон эҳсос мегарданд, зеро нимгуруснагӣ дар ду соли аввали ҳаёт ба рушди ҷисмонӣ ва рӯҳию равонӣ таъсири бебозгашт мерасонад. Норасоии микронутриентҳо дар байни занони ҳомила омилҳои бо вазни кам таваллуд шудани кӯдакон, хавфи беморшавии модару кӯдак ва фавт, инчунин хатари исқоти ҳамлро зиёд мекунад.

16. Норасоии микронутриентҳо ба маҳсулнокии пасти фаъолияти меҳнатӣ, рушди сусти ақлонӣ ва таваллуди кӯдакони маъюб сабаб мегардад.

17. Норасоии микронутриентҳо - моддаҳои ғизоӣ (витаминҳо, минералҳо ва микроэлементҳо) дар хулосаҳои таҳлилии Тадқиқоти тиббӣ - демографӣ (ТТД), Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ (UҒAID) ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017 ҳамчун яке аз сабабҳои асосии беморшавӣ ва фавти кӯдакон муайян шудааст.

18. Тадқиқоти гузаронида нишон дод, ки 43 фоизи кӯдакони аз 6 то 23-моҳа маҳсулоти аз оҳан бойро истеъмол мекунанд ва 20 фоизи кӯдакони аз 6 то 59-моҳа чунин маҳсулотро 7 рӯз қабл аз гузаронидани тадқиқот бо иловаҳои фаъоли биологӣ, ки дар таркибашон оҳан доштанд, қабул кардаанд.

19. Моҳи октябри соли 2013 Агентии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба рушди байналмилалӣ (UҒAID) якҷо бо ташкилоти Алянси глобалӣ оид ба беҳсозии ғизо (GAIN) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии корхонаҳои саноатии ордистеҳсолкунӣ ва истеъмоли маҳсулоти ордиро гузаронид. Баҳодиҳии мазкур нишон дод, ки истеъмоли маҳсулоти ордӣ

ва нонӣ 70 фоизи ратсионро дар як шабонарӯз ташкил медиҳад, ки ин яке аз нишондодҳои баланд дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

20. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гандум асосан аз Ҷумҳурии Қазоқистон ворид карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 50 корхонаи калон ва миёнаи истеҳсолкунандаи орд ё ордбарорӣ фаъолият доранд, ки як қисмашон хусусӣ буда, қисми дигарашонро Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон идора менамояд. Натиҷаи арзёбӣ нишон дод, ки дахолати аз ҳама самаранок барои беҳтар намудани ғизо ва паст кардани нишондодҳои норасоии микронутриентҳо дар байни аҳолӣ ин ғанигардонии орди гандумӣ мебошад.

21. Дар айни замон орди гандумии ғанигардонидашуда ба ҷумҳурӣ танҳо аз ҷониби Барномаи озуқаворим умумиҷаҳонӣ (БОУ) ворид карда мешавад, ки ин воридот андаке бештар аз 430000 хонандагони синфҳои аз 1 то 4, ки ин ҳамагӣ 45 фоизи хонандагони синфҳои ибтидоиро ташкил медиҳад, таъмин менамояд.

22. Тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки норасоии микронутриентҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрам боқӣ монда, зарурати идома додан ва ҷоннок намудани фаъолият дар ин самт ҳатмист ва он бояд ба ҳалли масъалаҳои норасоии микронутриентҳо ва бемориҳои вобаста ба онҳо равона гардад.

23. Стандарти Ҷумҳурии Тоҷикистон СТ РТ 1057-2004 Шартҳои техникии "Орди гандумии бо иловаҳои витаминию минералии ғизоноккардашуда (премикс)" айни замон бо оҳани электролитӣ асос ёфтааст, ки барои исбот намудани вазъи воқеӣ гузаронидани санҷиш ва тестикунониро талаб менамояд.

24. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мушкилоти асосии ҷорӣ нашудани истеҳсоли маҳсулоти ғанигардонидашуда ин норасоии мутахассисон дар ҳамин соҳа мебошад.

25. Бунёди низоми озмоишгоҳӣ ва назорати сифат оид ба ҷорӣ намудани ғанигардонии маҳсулоти хӯроквbooрӣ бо микронутриентҳо дар корхонаҳои истеҳсолӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба шумор меравад.

26. Таҳияи низоми таъмини устувори корхонаҳои истеҳсолӣ бо премикс аз ҳисоби воситаҳои гардон ё бо ягон механизми дигар зарур мебошад. Дар ин маврид барои истеҳсоли маҳсулоти маҳаллии хӯроквории ғанигардонидашуда ва воридоти асосии маҳсулоти хом бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра имтиёзҳо ҷорӣ карда мешавад.

27. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои истеҳсолкунандагон то кунун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи истеҳсолкунандагон ё ташкилоти ба он ҳаммонанд, таъсис дода нашудааст. Ба ғайр аз ин, дар ҷумҳурӣ дар масъалаҳои истеъмоли маҳсулоти ғанигардонидашуда ҷалби васоити ахбори омма ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ба қадри кофӣ ба роҳ монда нашудааст.

## 4. САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАРНОМА

28. Тақвияти заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои пешгирии бемориҳои ғайрисироятӣ бо роҳи ғанигардонии маҳсулоти хӯроквbooрӣ бо микронутриентҳои зарурӣ яке аз тадбирҳои мақсадноки Барнома ба шумор меравад.

29. Омӯзонидан ва омода намудани мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯроквorӣ ҷиҳати ғанигардонии маҳсулоти хӯроквorӣ ба

роҳ монда мешавад. Дар ин самт гузаронидани омӯзишҳои даврӣ ва аз худ кардани таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба мақсад мувофиқ мебошад.

30. Бо дарназардошти он, ки корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши вазъи воқеии хӯроки аҳолӣ ва таркиби он дар ҷумҳурӣ гузаронида нашудааст, барои рушди илми ин соҳа дар оянда лоиҳаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши масъалаи мазкур таҳия ва амалӣ карда мешаванд.

31. Дар доираи амалигардонии Барнома ҷалби созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷиҳати муҷаҳҳаз гардонидани ташхисгоҳу корхонаҳои саноатӣ бо таҷҳизоти замонавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

32. Ҷиҳати истеҳсоли маводи иловагии ғизоӣ беҳтар намудани ҳолати моддию техникии муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои илмию таҷрибавӣ дар соҳаи банақшагирӣ, саноат, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, молия, гумрук ва андоз шароити мусоид фароҳам меоваранд.

33. Таъсиси низоми доимоамалкунандаи иттилоотӣ оид ба пешгирии норасоии микронутриентӣ ва солимгардонии аҳолӣ тавассути воситаҳои ахбори омма якҷо бо соҳаҳои марбут дар доираи гузаронидани барномаҳои тарғиботӣ (адвокатсионӣ) шавқу рағбати аҳолиро дар бахши беҳдошти саломатӣ боло мебаранд ва таваҷҷуҳи сохторҳои давлатӣ ва аҳли ҷомеа ба ин масъалаҳо зиёд мешавад.

34. Яке аз тадбирҳои дигари Барнома ин таҳкими ҳамкории байниидоравӣ барои сари вақт ва самаранок қабул намудани тадбирҳо оид ба бартараф намудани масъалаҳои мавҷудаи алоқаманд ба норасоии микронутриентӣ ва ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ бо микронутриентҳо мебошад. Ҷиҳати амалигардонии тадбири мазкур ва назорати Барнома аз ҳисоби мутахассисони вазорату идораҳои дахлдор дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ таъсис дода мешавад.

35. Натиҷаи ниҳоии ин фаъолият баланд бардоштани ҳаҷми истеъмоли маҳсулоти хӯроквории бо микронутриентҳо ғанигардонидашуда, аз ҷумла орди гандумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳангоми ба таври зарурӣ амалӣ гардидани Барнома он ба беҳтаршавии заминаи ҳуқуқӣ, васеъшавии доираи дастрасӣ, зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти хӯроквории бо микронутриентҳои ғанигардонидашуда мусоидат намуда, дар натиҷа ба пастшавии бемориҳои аз маҳсулоти хӯрокворӣ вобаста, инчунин ба беҳтаршавии вазъи ғизогирии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад.

36. Таъмини назорати сифат, бехатарии маҳсулоти хӯроквории ғанигардонидашуда ва паст намудани нишондодҳои омории бемориҳои бо норасоии микронутриентҳо алоқаманд самтҳои Барномаро ташкил намуда, иҷрои онҳо тавассути ташкили механизми махсуси мониторинг ва арзёбӣ амалӣ карда мешавад.

## *5. МАБЛАҒГУЗОРИИ БАРНОМА*

37. Барои амалӣ намудани Барнома сарчашмаҳои маблағгузории зерин истифода мешаванд:

- маблағҳои пешбинигардидаи буҷетӣ барои соҳаи тандурустӣ;

- маблағҳои махсуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳои дахлдор;

- кумакҳои молиявию техникии созмонҳои байналмилалӣ ва молиявии хориҷӣ;

- маблағҳои грантӣ ва дигар сарчашмаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

38. Ҳамоҳангии маблағгузории сармояҳои ниҳодҳои байналмилалӣ аз ҷониби шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ ба роҳ монда мешавад.

## *6. МОНИТОРИНГ, АРЗЁБӢ ВА НАТИҶАҲОИ ПЕШБИНИШАВАНДАИ БАРНОМА*

39. Мониторинг ва арзёбии Барнома тибқи тартиби талаботи меъёрҳо ва қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 тасдиқ гардидааст, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронида шуда, дар шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ баррасӣ мегардад.

40. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

- дар ҷараёни иҷрои Барнома маълумоти заруриро аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор талаб менамояд;

- натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии Барномаро баъд аз муҳокима дар ҷаласаи шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ интишор менамояд.

41. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барнома метавонад мутахассисон, коршиносон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҷалб намояд.

42. Натиҷаҳои пешбинишавандаи Барнома аз инҳо иборатанд:

- кам кардани сатҳи норасоии микронутриентҳо дар байни кӯдакони аз 6 то 59-моҳа ва занони аз 15 то 49-сола - то 30 фоиз;

- фоизи истеҳсоли орди гандумии ғанигардонидашудаи ватанӣ - то 80 фоиз;

- паст кардани нишондиҳандаҳои бемориҳои камхунии вобаста ба микронутриентҳо (оҳан, туршии фолат, витамини B12) - то 50 фоиз;

- фоизи хонаводаҳое, ки намаки босифат ва йоднокшударо истифода мебаранд - на камтар аз 90 фоиз;

- шумораи корхонаҳое, ки дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти ғанигардонидашуда фаъолият менамоянд ва бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида мешаванд - то 70 фоиз;

- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги аҳолӣ нисбати истеъмоли маҳсулоти ғанигардонидашуда.

## *7. АМАЛИШАВИИ БАРНОМА*

43. Дар раванди амалигардонии Барнома ҳамкории мутақобилаи мақомоти ваколатдори давлатӣ бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши соҳибкорӣ барои ҳифз ва таҳкими саломатии аҳолӣ тавассути ғанигардонии маҳсулоти хӯрокворӣ бо микронутриентҳои зарурӣ муҳим мебошад.

44. Дар амалигардонии Барнома иштироки фаъоли вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, молия, маориф ва илм, кумитаҳои бехатарии озуқаворӣ, телевизион ва радио, андоз, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

45. Дар амалигардонии Барнома созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд ҷалб мегарданд.

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 сентябри соли 2021, №415

# НАҚШАИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМАИ ПЕШГИРИИ НОРАСОИИ МИКРОНУТРИЕНТҲО ВА БЕМОРИҲОИ ВОБАСТА БА ОН ДАР БАЙНИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2022-2027

*Замима

Замимаи 2

ба қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 сентябри соли 2021, №415

НАҚШАИ

чорабиниҳои амалисозии Барномаи пешгирии норасоии микронутриентҳо

ва бемориҳои вобаста ба он дар байни аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2022-2027

| рабиниҳо | ӣй | ҷро | ндагон | аблаг |
|---|---|---|---|---|
| шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба нии маҳсулоти хӯрокворӣ | моҳангсоз<br><br>ғанигардонии маҳсулоти таъсис дода мешавад | | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ | ворир д |
| Ассотсиатсияҳои унандагони маҳсулоти хӯроквории нидашуда дар самтҳои гуногун (орд, шӣ, обҳои маъданӣ, шир, маҳсулоти айра) | тсияҳои истеҳсолкунандагони хӯроквории нидашуда таъсис дода | 022-2027 | технологияҳои | доира ардид |
| астурамал оид ба ғанигардонии хӯрокворӣ бо витаминҳо ва | ал оид ба ғанигардонии маҳсу- хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии | 022-2023 | ои тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, саноат ва техноло- | исоби ардид |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| о дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | н таҳия ва тасдиқ карда | | нав, Агентии ізатсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | рушд |
| иҳаҳои регламентҳои техникӣ<br>намудҳои алоҳидаи маҳсулоти ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ оид ба ғанигардонии хӯрокворӣ бо минералҳо ва р | мудҳои алоҳидаи маҳсулоти , ки моддаи 17 Қонуни Тоҷикистон «Дар бораи аҳолӣ бо маҳсулоти и ғанигардонидашуда» намудааст, регламентҳои а дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию асдиқ карда мешавад | 022-2023 | стандар-тизатсия, ия, сертификатсия ва савдо, вазоратҳои й ва ҳифзи иҷтимоии ноат ва технологияҳои нав | исобі ардид рушд |
| ани мутахассисони мутасаддии идораҳои соҳавӣ ва мутахассисони и истеҳсолкунанда бо ҷалби<br>они байналмилалӣ оид ба ои ғанигар-донии маҳсулоти (орд, намак, шир, шарбат, обҳои ва ғайра) | исон дар<br>ассисаҳое, ки<br>рдонии маҳсулоти хӯрокворӣ менамоянд, бо стандартҳои -лалӣ оид ба ғанигар-донии хӯрокворӣ омӯзонида д | 022-2024 | стандартизатсия, ия, сертификатсия ва савдо, вазоратҳои саноат логияҳои нав, тандурустӣ иҷтимоии аҳолӣ | исобі ардид рушд |
| дули таълимӣ оид ба ғанигардонии хӯрокворӣ барои унандагон | таълимӣ таҳия гардида, мутахассисони корхонаҳои омӯзонида мешаванд | 022-2023 | ои саноат ва яҳои нав, тандурустӣ ва ҷтимоии аҳолӣ, Агентии -затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исобі ардид рушд |
| тандартҳо ва регламентҳои техникӣ миқдори микроэлементҳо ва иентҳо дар таркиби маҳсулоти | ҳо ва регламентҳои техникӣ да мешаванд | 022-2027 | затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо, и саноат ва яҳои нав, тандурустӣ ва имоии аҳолӣ | исобі ардид рушд |
| табодули таҷриба бо давлатҳое, ки ғанигардонии маҳсулоти ро ба роҳ мондаанд | ани мутахассисон барои таҷриба ба хориҷи кишвар | 022-2024 | ои тандурустӣ ва<br>тимоии аҳолӣ, саноат ва яҳои нав, Агентии -затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исобі ардид рушд |
| одани озмоишгоҳи референсӣ оид ти сифати маҳсулоти хӯрокворӣ бо о ва витаминҳо | ҳи референсӣ ташкил карда | 025-2027 | ои саноат ва яҳои нав, тандурустӣ ва тимоии аҳолӣ, Кумитаи озуқаворӣ, Агентии затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исобі ардид рушд |
| а барқарорсозии озмоишгоҳҳо дар муассисаҳои истеҳсолкунан-даи хӯрокворни ғанигардонидашуда назорати сифати ғанигар-донии хӯрокворӣ бо минералҳо ва | ҳҳо дар муассисаҳои унандаи маҳсулоти хӯрокворӣ рда мешаванд | 022-2027 | ои саноат ва яҳои нав, тандурустӣ ва ҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи озуқаворӣ, Агентии затсия, метрология, | исобі ардид рушд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| о | | | атсия ва нозироти савдо | |
| и ҳолати техникии корхонаҳои ва таъмин намудани онҳо бо яи замонавӣ оид ба ғанигардонии и хӯроквориӣ бо минералҳо ва о | ехникии корхонаҳои истеҳсоли а мешавад ва бо таҷҳизоти оид ба ғанигардонии и хӯроквориӣ таъмин карда д | 022-2027 | саноат ва технологиҳои | исоб ардид рушд |
| корхонаҳои истеҳсолӣ маҳсулоти бо иловаҳои витаминҳо ва о (премикс) | ва миқдори минералҳо ва<br><br>о дар асоси регламентҳо ва ҳои байналмилалӣ муайян дастрас карда мешаванд | 022-2027 | и саноат ва ияҳои нав, молия | исоб ардид рушд |
| зина ғанӣ гардонидани маҳсулоти бо иловаҳои витамину минералҳо онаҳои истеҳсолӣ новобаста аз ликият | и хӯроквориe, ки қонунгузории Тоҷикистон муқаррар т, дар корхонаҳои истеҳсолӣ а аз шакли моликият ба нӣ фаро гирифта мешаванд | 022-2027 | и саноат ва ияҳои нав, тандурустӣ ва ҷтимоии аҳолӣ, Агентии -затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исоб ардид рушд |
| а гузаронидани тадқиқоти норасоии риентҳо дар байни кӯда-кони синну сола ва занони қобили таваллуд | ду маротиба - солҳои 2022 ва онида мешавад | 022-2027 | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, Агентии омор | исоб ардид рушд |
| води<br><br>омӯзишӣ ва коммуникатсионӣ дар моҳияти истеъмоли минералу о барои саломатӣ | аълимӣ, омӯзишӣ ва коммуни- таҳия гардида, дар амалия а мешаванд | 022-2027 | и маориф ва илм, й<br><br>иҷтимоии аҳолӣ, саноат ологияи нав, Кумитаи он ва радио | исоб ардид рушд |
| масъалаи ба роҳ мондани коркарди премикс (иловаҳои витамину о) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | ташкили корхона барои премикс (иловаҳои витамину о) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ешавад | 022-2027 | и миллии илмҳо, и тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, саноат ва техноло- нав, Агентии изатсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исоб ардид рушд |
| намудани барномаҳои лкунанда оид ба масъалаҳои ғизо шабакаҳои радио ва телевизиони минтақавӣ | ои доимоамалкунанда оид ба ои ғизо дар назди шабакаҳои он ва радио ташкил карда д | 022-2027 | и телевизион ва радио, и озуқаворӣ, вазоратҳои тӣ ва ҳифзи иҷтимоии аноат ва техноло-гияҳои шди иқтисод ва савдо, ва илм, кишоварзӣ, стандартизатсия, ия, сертификатсия ва савдо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ | исоб ардид рушд |
| нақшаи омода намудани сони соҳаи ғизо дар самтҳои андурустӣ, озмоишгоҳӣ, технологӣ т) дар дохил ва хориҷи кишвар | кадрӣ пурзӯр гардида, кадрҳои тисос омода карда мешаванд | 022-2027 | и рушди иқтисод ва ориф ва илм, тандурустӣ иҷтимоии аҳолӣ, саноат оло-гияҳои нав, Агентии изатсия, метрология, | исоб ардид рушд |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | атсия ва нозироти савдо | |
| ва гузаронидани форуми лалӣ оид ба вазъи ғизо дар Тоҷикистон | байналмилалӣ ҳамасола а мешаванд | )22-2027 | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, саноат ва яҳои нав, Агентии -затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исоб ардид рушд |
| дани мониторинг ва баҳодиҳии е, ки ба истеҳсолии маҳсулоти и ғанигардони-дашуда машғул | нг гузаронида мешавад | )22-2027 | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, саноат ва яҳои нав, Агентии -затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исоб ардид рушд |
| ва ҷорӣ намудани низоми онлайн-нг дар муассисаҳои истеҳсолии хӯрокворӣ | ониторингии маҷозӣ (онлайн) таъсис дода мешавад | )22-2027 | ои тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ, саноат ва техноло- нав, Агентии затсия, метрология, атсия ва нозироти савдо | исоб ардид рушд |
| низоми омории бақайдгирӣ дар пешгирию табобати норасоии иентӣ ва бемориҳои вобаста ба он | гтилоотию таҳлилӣ ва омории й дар самти пешгирию норасоии микронут-риентӣ ва и вобаста ба он такмил дода | )22-2027 | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ | исоб ардид рушд |
| гузаронидани ҷаласаҳои давравии амоҳангсоз оид ба ғанигардонии хӯрокворӣ | сол ду маротиба шӯрои оз оид ба ғанигардонии и хӯрокворӣ гузаронида | )22-2027 | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолӣ | исоб ардид рушд |